# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба довталаби дарахаи илмии номзади илмҳои педагогb Маҳмудзода Қумринисо Нуралb аз рӯи ихтисоси13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро соли 1992 бо ихтисоси "муаллимаи математика"хатм кардааст.

Унвончӯй Маҳмудзода Қ.Н. солҳои 1992-2011 дар Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб, Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб дар вазифаи гуногун, аз ҷумла, диспечери факултети математика, мудири китобхона, лбаорант ва ғ. кор кардааст. Аз соли 2011 муовини директор оид ба корҳои тарбияи Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб мебошад.

Дар муддати фаъолияти корӣ дар Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб Маҳмудзода Қ. дар соҳаи таҳқиқи масоили вобаста ба омӯзишу парвариши донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ ва умуман дар самти педагогика худро ҳамчун роҳбар ва мутахассиси босалоҳият, масъулиятнок ва бофаросат нишон додааст.

Махсусан истеъдоду маҳорати ӯ дартадқиқи масъалаҳои вобаста ба шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ, истифодаи методҳои инноватсиониву интерактивии таълиму тарбия зимни таълим ва баргузории чорабиниҳои тарбиявӣ сазовори ситоиш ва таҳсин мебошад. Мавсуф бар иловаи иҷрои вазифаи муовини директори коллеҷ аз фани «Математика» дарс медиҳад. Дарсу машғулиятҳо ва чорабииҳои тарбиявие, ки ҳамчун муовини директор оид ба тарбия ташкилу баргузор менамояд, натиҷаю самараҳои хуб ба бор овардаанд.

Қобили тазаккур аст, ки тадқиқоти диссертатсионии Маҳмудзода Қ. ҳанӯз аз солҳои нахусти кору фаъолияти таълимиву тарбиявиаш дар коллеҷи тиббӣ зимни гузаронидани тадбирҳои берун аз дарсӣ оғоз шуда, сурат гирифтаст, ки заминаи тадқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Муҳим будани мавзӯи диссертатсия вобаста ба он аст, ки таҳқиқоти илмии унвонҷӯ ба яке аз масоили муҳими таҳсилоти муосир - ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ нигаронида шудааст, ки салоҳиятҳои касбӣ барои хатмкунандагони коллеҷҳои тиббӣ дар ҳама давру замонҳо аз муҳимтарин салоҳиятҳои мутахассисон дарин самт маҳсуб меёбад.

Чунин гузориши масъала дар худаҳамият ва арзишмандии хосаро фаро гирифта, барои ҳалли бисёр масъалаҳои раванди ташаккул ва рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мусоидат карда метавонад.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионии Маҳмудзода Қ.Н. ҳамчунин барои ҳалли баъзе масъалаҳои ташкилӣ-методӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ ва методологӣ, ҳаллуфасли баъзе масъалаҳои вобаста ба ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мусоидат карда метавонад.

Маҳмудзода Қ.Н. зимни иҷрои тадқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пешбурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқиназариявию амалӣ нишон дода тавонист. Тадқиқоти диссертатсионии мазкур барои ташаккули бархӯрди навдар раванди рушди салоҳиятнокии касбии донишҷӯён мусоидат карда метавонад ва натиҷаҳои санҷишу озмоиши тадқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Зимни иҷрои тадқиқоти диссертатсионӣ МаҳмудзодаҚ.Н. худро дар ҳамаҷабҳаҳоба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд,ки ӯ як тадқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор буда, минбаъд метавонадба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм,баррасӣ ва таҳлил намояд,усулу воситаҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқот мустақилона муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудзода Қ.Н. оид ба шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар 3 мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст, инъикос ёфтаанд.

Муҳаққиқ Маҳмудзода Қ.Н. солҳои 2017-2021 дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва мизҳои мудаввари дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб баргузошуда ширкат ва аз рӯи мавзӯи илмӣ-тадқиқотиаш бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Дар баробари анҷом додани кори илмӣ-тадқиқотиаш Маҳмудзода Қ.Н. бо мақсади такмили маҳоратҳои педагогии худ фаъолона дар корҳои таълимиву тарбиявии коллеҷ иштирок карда, худро ҳамчун роҳбар ва омӯзгори муваффақ нишон додааст.

Дар маҷмӯъ муҳаққиқ МаҳмудзодаҚ.Н.-ро метавон ҳамчун мутахассиси самти илмҳои педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки метавонад мустақилона аз уҳдаи иҷро ва ҳалли супоришу вазифаҳои дар наздаш гузошташуда барояд.

Ҳамчун роҳбари илмии унвонҷӯ тадқиқоти диссертатсионии МаҳмудзодаҚ.Н.-ро мусбат ва ҳамчун тадқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 -Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои
филологӣ,саркотиби илмии
АкадемияитаҳсилотиТоҷикистон М. Каримзода

*"ИмзоиМ. Каримзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадрҳоиАТТ М. Саидова